# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-021 назди
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 21.09.2023** **ш. Душанбе**

Баромади Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи “Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, тақризи муассисаи пешбар, тақризи муқарризони расмӣ – доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии АМИТ **Ҷамшедов Парвонахон**, номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Соҳибназарова Ҳавасмо Тиллоевна,** муқарризони ғайрирасмӣ, профессорон Сулаймонов С., Ҷаматов С., Саидов Ҳ., Нағзибекова М. ва Хоҷаев Д.-ро шунида, муҳокима карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Шайдуллои Ҳоҷӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи “Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводҳои илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Шайдуллои Ҳоҷӣ дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Шайдуллои Ҳоҷӣ дипломи дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори шурои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мирзоева М.М.

21.09.2023